bakertilly

куч. Бохтар 37/1, 5ум ош.
ш. Душанбе, 734025
Ҷумҳурии Тоҷикистон

T: + 992 (44) 600 46 55
contact@bakertilly.tj
www.bakertilly-ca.co

# ҲИСОБОТИ АУДИТОРИ МУСТАҚИЛ

Ба Саҳҳомон ва Роҳбарияти Ҷамъияти саҳҳомии пӯшидаи «Аввалин Бонки Молиявии Хурд»:

## Хулосаи аудитор

Мо санҷиши аудитории ҳисоботи молиявии Ҷамъияти саҳҳомии пӯшидаи «Аввалин Бонки Молиявии Хурд»-ро (дар оянда «Бонк») гузаронидем, ки аз ҳисобот оиди ҳолати молиявӣ ба санаи 31 декабри соли 2022, ҳисобот оиди фоида ва зарар ва маҷмӯи даромади ғайр, ҳисобот оиди тағйирёбии сармоя ва ҳисобот оиди ҳаракати воситаҳои пулӣ ва инчунин эзоҳот ба ҳисоботи молиявӣ, аз ҷумла маълумоти кӯтоҳ дар бораи сиёсати ҳисобдорӣ, иборат мебошад.

Ба ақидаи мо, ҳисоботи замимашудаи молиявии мазкур аз ҳама ҷиҳатҳо вазъи молиявии Бонкро дар санаи 31 декабри соли 2022 ва инчунин натиҷаи фаъолият ва ҳаракати воситаҳои пулии онро барои соле, ки дар санаи зикршуда ба охир расид, мувофиқи Стандартҳои Байналмиллалии Ҳисоботи Молиявӣ (СБҲМ) дуруст инъикос менамояд.

## Асос барои хулосаи аудитор

Мо санҷиши аудиториро мувофиқи Стандартҳои байналмиллалии аудиторӣ («СБА») гузаронидем. Масъулияти мо мувофиқи ин стандартҳо дар бахши «Масъулияти аудитор барои санҷиши аудитории ҳисоботҳои молиявӣ»-и ҳисоботамон ошкор шудааст. Мо мувофиқи талаботи Кодекси ахлоқи аудиторони касбӣ, ки аз тарафи Шӯрои стандартҳои байналмилалии ахлоқ барои муҳосибон тасдиқ шудааст («Кодекси ШСБАМ»), дар якҷоягӣ бо талаботи ахлоқӣ, ки ба аудити ҳисоботи молиявии мо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дахлдор мебошанд аз Бонк мустақил мебошем, ва мо инчунин дигар талаботҳои ахлоқиро низ мувофиқи ин талаботҳо ва Кодекси ШСБАМ иҷро намудаем. Мо боварӣ дорем, ки далелҳои аудиторие, ки мо дастрас намудем барои изҳори хулосаи мо асоси кифоя ва муносиб мебошанд.

## Банди шарҳдиҳанда

Бидуни модификатсияи хулосаи худ, мо таваҷҷуҳи худро ба масъалаҳои зерин ҷалб мекунем:

*Қарзҳои ба мизоҷон додашуда*

Мо таваҷҷуҳи худро ба Эзоҳи 17 «Қарзҳои ба мизоҷон додашуда» ҷалб мекунем. Мувофиқи ҳисоб кардани захира барои талафотҳои имконпазири қарзӣ аз рӯи модели СБҲМ 9 Бонк, маблағи захира барои талафотҳои имконпазири қарзӣ дар санаи 31 декабри соли 2022 ба 20,232 хазор сум баробар аст. Роҳбарияти Бонк бо назардошти омилҳои дохилӣ ва берунӣ, иқтисодӣ ва геополитикӣ бо назардошти принсипҳои эҳтиёткорӣ, қарор доданд, ки захираи иловагӣ ҳисоб карда шаванд ба маблағи 20,262 хазор сум. Дар натиҷа, захира барои талафотҳои имконпазири қарзӣ оид ба қарзҳои ба мизоҷон додашуда ба санаи 31 декабри соли 2022 40,494 ҳазор сомониро ташкил дод.

*Дороиҳои дарозмуддат, ки барои фурӯш нигоҳ дошта мешаванд*

Мо таваҷҷуҳи худро ба Эзоҳи 21 «Дороиҳои дарозмуддат, ки барои фурӯш нигоҳ дошта мешаванд» -и ҳисоботи молиявӣ ҷалб менамоем. Ба ҳолати 31 декабри 2022 ва 2021 дар ҳисоботи оид ба вазъи молиявии Бонк дороиҳои дарозмуддат, ки барои фурӯш нигоҳ дошта мешаванд ба маблағи 5,162 ва 6,048 ҳазор сомонӣ, ва захира барои беҷурбшавӣ ба маблағи 4,491 ва 2,338 хазор сомонӣ мутаносибан ташкил дод. Бонк ин дороиҳоро дар тавозун бо арзиши тибқи қарори суд мегирад ё созишномаи бозхонд бо қарзгиранда бо арзиши баробар ба бақияи қарз. Дар оянда, ҳангоми таъсис додани захира барои ин дороиҳои, Бонк меъёрҳои муқаррарнамудаи Бонки миллии Тоҷикистонро истифода мебарад, ки аз рӯи шумораи рӯзҳои ки гарав дар тавозуни Бонк қарор дорад муайян карда мешавад, ин метавонад мутобиқи СБҲМ 13 «Арзиши одилона» мувофиқат накунад. Роҳбарияти Бонк ҳангоми ташкили захира барои беҷурбшавӣ аз руи дороиҳои дарозмуддат, ки барои фурӯш нигоҳ дошта мешаванд принципҳои эҳтиёткоронаро ба роҳбарӣ мегирад.

*Тасҳеҳот ва таснифот*

Мо ба қайдҳои 4 ҳисоботи молиявӣ таваҷҷӯҳ зоҳир мекунем, ки дар соли ҷорӣ маълумоти такрорӣ 31 декабри соли 2021-ро тавсиф мекунад. Ба ақидаи мо, ин тасҳеҳҳо муносиб ва дуруст пешниҳод карда мешаванд.

*Ребрендинг*

Бо дарназардошти рушди Бонк ва бо истифода аз литсензияи бонкии он, Саҳмдорони Бонк тасмим гирифтанд, ки Бонкро барои ба даст овардани нақши васеътар дар бахши бонкӣ дар Тоҷикистон дубора мавқеъ гузоранд ва дар роҳи рушд ба як ниҳоди молиявии қавӣ ва устувор талош хоҳанд кард. Бонк раванди ребрендингро анҷом медиҳад. Номи нав ва логотипи нав аз ҷониби Саҳмдорони Бонк интихоб ва тасдиқ гардида, дар Агентии патентии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст. Интизор меравад, ки ребрендинг дар нимаи дуюми соли 2023 эълон шавад.

**Масъулияти роҳбарият ва шахсони масъул нисбати идоракунии корпоративӣ ва ҳисоботи молиявӣ**

Роҳбарият барои омодакунии ҳисоботи молиявӣ ва мутобиқати он ба СБҲМ масъулият ба зимма дорад. Масъулияти мазкур инҳоро дар бар мегирад: таъсис додан, татбиқ намудан ва дастгирӣ кардани назорати дохилӣ аз рӯи омодакунӣ ва аниқу воқеӣ пешниҳод кардани ҳисоботи молиявӣ бидуни таҳрифи назаррасе, ки дар натиҷаи сӯиистифодаи молиявӣ ва хатоҳо ба амал омада бошанд. Дар омодакунии ҳисоботи молиявӣ роҳбарият оиди баҳогузории қобилияти Бонк барои фаъолияти қатъношаванда, ошкоркунии масъалаҳои ба фаъолияти қатъношаванда татбиқкунанда, истифодаи принсипҳои асосии баҳисобгирии Ташкилотҳои фаъолияташон қатъношаванда масъулиятнок мебошад, танҳо ба истисноӣ мавридҳое, ки роҳбарият нияти барҳамдихии Бонк, қатъ намудани амалиётҳо ё бе мавҷудияти ягон асоси воқеӣ ба ҳамин тавр рафтор карданро дошта бошад. Шахсони масъул нисбати идоракунии корпоративӣ ҳамчунин барои назорати ҷараёни ҳисоботи молиявии Бонк масъулиятнок ба ҳисоб меравaнд.

**Масъулияти аудиторон нисбати аудити ҳисоботи молиявӣ**

Мо аудитро бо мақсади ба даст овардани эътимоди қавӣ бобати он ки ҳисоботи молиявӣ таҳрифоти назаррас надорад, амалӣ намудаем ва ҳисоботи молиявии ки ақидаҳои моро иброз менамоянд, пешниҳод менамоем. Боварии қатъӣ сатҳи баланди боварӣ мебошад, лекин кафолат намедиҳад, ки аудит дар асоси СБА ҳамеша таҳрифоти назаррасро ошкор месозад. Таҳрифоти назарраси ҳисоботи молиявӣ дар натиҷаи сӯиистифодаи молиявӣ ва ё содир намудани хатоҳо ба амал омада, дар мавриде назаррас ҳисобида мешавад, агар онҳо дар алоҳидагӣ ё ҳамбастагӣ тавонанд ба қарорҳои иқтисодии шахсони ба таҳияи ҳисоботи молиявӣ машғул буда, таъсир расонанд

Дар доираи гузаронидани аудит мутобиқи СБА мо тибқи доварии касбӣ амал намуда, скептисизми касбиро дар тамоми муддати тафтиши аудиторӣ таъмин менамоем. Мо инчунин:

- таҳрифоти назаррас дар ҳисоботи молиявӣ, ки дар натиҷаи сӯиистифодаи молиявӣ ва хатоҳо ба амал меоянд муайян ва баҳоргузорӣ намудем, расмиёти аудити ба чунин хавфҳо ҷавобгӯро таҳия ва иҷро намудем, инчунин далелҳое, ки барои ифода намудани ақидаи аудиторӣ кофӣ ва заруранд дастрас намудем. Хавфи муайян накардани таҳрифоти назаррасе, ки дар натиҷаи роҳ додан ба хатогиҳо, инчунин, сӯиистифодаи молиявӣ ба миён меоянд, метавонад маслиҳатӣ, сохтакорӣ, таҳрифоти қасдан, ё пешгӯии назорати дохилиро дар бар гирад;
- фаҳмиши назорати дохилии марбут ба аудитро бо мақсади таҳияи тартиби аудити шароити мувофиқ, на бо мақсади изҳори андеша оид ба самаранокии назорати дохилӣ Бонк, дастрас намудем;
- бамавқеъ будани сиёсати баҳисобгирии истифодашаванда, асоснок будани амалҳои роҳбарият ва баҳогузории пешниҳоди ҳисоботи молиявиро арзёбӣ намудем;
- доир ба мувофиқи мақсад истифода намудани асосҳои баҳисобгирии фаъолияти қатъношаванда аз тарафи роҳбарият дар асоси далелҳои аудит ба даст оварда шуда, мавҷудияти номуайянии моддӣ вобаста ба воқеаҳо ва ё шароитхое, ки метавонанд шубҳаи назаррасро оиди қобилияти Бонк ба фаъолияти қатъношаванда ба миён андозанд хулосадиҳӣ намудем. Агар мо оиди мавҷудияти номуайянии моддӣ хулоса барорем, ба мо лозим аст дар ҳисоботи аудитории худ диққатро доир ба эзоҳоти марбут ба ҳисоботи молиявӣ талаб намоем, ё дар мавриди нокифоя будани эзоҳоти марбут, андешаи худро тағйир диҳем. Хулосаҳои мо бо далелҳои аудитории дастраснамуда ба санаи пешниҳоди ҳисоботи аудиторӣ асос ёфтаанд. Бо вуҷуди ин, воқеаҳо ва ё шароитҳои оянда метавонанд сабабгори ба итмом расидани фаъолияти қатъношандаи Бонк гарданд;

- пешниҳоди умумӣ, сохтор ва мазмуни ҳисоботи молиявӣ, аз ҷумла эзоҳотро арзёбӣ намудем ва мувофиқаткунии пешниҳоди амалиётҳои асосӣ ва чорабиниҳо аз тарафи ҳисоботи молиявиро нисбат ба пешниҳоди одилона муайян намудем.

Мо ба шахсони масъули роҳбарикунандаи Бонк маълумотро оиди банақшагирии ҳаҷм ва мӯҳлати гузаронидани санҷиши аудиторӣ ва инчунин мушоҳидаҳои муҳими аудит, аз ҷумла норасоиҳои назарраси низоми назорати дохилӣ, ки мо дар рафти санҷиши аудиторӣ ошкор намудаем, мерасонем.

Мо инчунин ба шахсони масъули идоракунӣ изҳорот медиҳем, ки мо тамоми талаботи ахлоқии марбут ба мустақилиятро риоя кардем ва ба онҳо ҳама муносибатҳо ва дигар масъалаҳоеро, ки метавонанд ба таври оқилона ба мустақилияти аудитор таъсир расонанд ва дар ҳолатҳои зарурӣ, ҳама чораҳои эҳтиётии дахлдорро хабар додем.

Фирдавс Хайруллоев

Директор, ҶДММ «Бейкер Тилли Тоҷикистон»

Иҷозатнома № 000014 ки аз ҷониби
Бонки миллии Тоҷикистон дода шудааст

ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон
16 марти соли 2023

## ҶАМЪИЯТИ САҲҲОМИИ ПӮШИДАИ «АВВАЛИН БОНКИ МОЛИЯВИИ ХУРД»

## ҲИСОБОТ ОИД БА ФОИДА Ё ЗАРАР ВА МАҶМӮИ ДАРОМАДИ ҒАЙР БАРОИ СОЛЕ, КИ 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2022 АНҶОМ ЁФТААСТ

*(бо ҳазор сомонӣ)*

| | Эзоҳ | Барои соле, ки 31 декабри соли 2022 анҷом ёфтааст | Барои соле, ки 31 декабри соли 2021 анҷом ёфтааст *(азнавдида)* |
|---|---|---|---|
| Даромадҳои фоизӣ | 5 | 127,002 | 117,941 |
| Хароҷотҳои фоизӣ | 5 | (19,458) | (21,572) |
| ДАРОМАДИ СОФИ ФОИЗӢ ТО ТАШАККУЛЁБИИ ЗАХИРАҲО БАРОИ БЕҚУРБШАВИИ ДОРОИҲОЕ, КИ АЗ РӮИ ОНҲО ФОИЗҲО ҲИСОБ КАРДА МЕШАВАНД | | 107,544 | 96,369 |
| Ташаккули захираи талафоти қарзии имконпазир дороиҳое, ки аз рӯи онҳо фоизҳо ҳисоб карда мешаванд | 8 | (5,776) | (954) |
| ДАРОМАДИ СОФИ ФОИЗӢ | | 101,768 | 95,415 |
| Даромадҳои комиссионӣ | 6 | 26,364 | 17,630 |
| Хароҷотҳои комиссионӣ | 6 | (7,252) | (5,378) |
| Даромади соф аз рӯи амалиётҳо бо асъори хориҷӣ | 7 | 26,606 | 15,696 |
| Ташаккули захираи талафоти қарзии имконпазир ва беқурбшавии дигар дороиҳо | 9 | (2,198) | (593) |
| Дигар даромадҳои гайриамалиётӣ, холис | 10 | 2,280 | 1,528 |
| ДАРОМАДҲОИ СОФИ ҒАЙРИФОИЗӢ | | 45,800 | 28,883 |
| Хароҷотҳои амалиётӣ | 11 | (91,607) | (83,000) |
| ФОИДА ТО АНДОЗ АЗ ФОИДА | | 55,961 | 41,298 |
| Хароҷоти андоз аз фоида | 12 | (15,464) | (16,345) |
| ФОИДА ДАР ДАВОМИ СОЛ | | 40,497 | 24,953 |
| Маҷмӯи даромади ғайр: | | - | - |
| ҲАМАГӢ ДАРОМАДИ МАҶМӮИ | | 40,497 | 24,953 |

**Аз номи роҳбарияти Бонк:**

**Мирзосафар Сафаров**
**Раиси Бонк**

16 марти соли 2023
ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Зафар Заренов**
**Сармуҳосиб**

16 марти соли 2023
ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон

ҶСП "АВВАЛИН БОНКИ МОЛИЯВИИ ХУРД" CJSC "THE FIRST MICROFINANCE BANK" ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН REPUBLIC OF TAJIKISTAN

Тавзеҳоти дар саҳифаҳои 11-58 овардашуда қисми ҷудонопазири ҳисоботи молиявии мазкур мебошанд. Ҳисоботи аудиторони мустақил дар саҳифаҳои 3-5 оварда шудааст.

# ҶАМЪИЯТИ САҲҲОМИИ ПӮШИДАИ «АВВАЛИН БОНКИ МОЛИЯВИИ ХУРД»

## ҲИСОБОТ ОИДИ ВАЗЪИ МОЛИЯВӢ
## БА ҲОЛАТИ 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2022

*(бо ҳазор сомонӣ)*

| | Эзоҳ | 31 декабри с. 2022 | 31 декабри с. 2021 |
|---|---|---|---|
| **ДОРОИҲО** | | | |
| Воситаҳои пулӣ ва муодилҳои онҳо | 13 | 282,728 | 159,559 |
| Воситаҳо дар бонкҳо | 14 | 188,840 | 262,624 |
| Захираҳои ҳатмӣ дар Бонки миллии Тоҷикистон | 15 | 51,771 | 55,326 |
| Қоғазҳои қиматноки сармоягузорӣ | 16 | 58,999 | 118,705 |
| Қарзҳои ба мизоҷон додашуда | 17 | 498,958 | 470,321 |
| Воситаҳои асосӣ | 18 | 12,149 | 12,011 |
| Дороиҳои ғайримоддӣ | 19 | 6,638 | 7,370 |
| Дороиҳо дар шакли ҳуқуқи истифодабарӣ | 20 | 11,462 | 12,332 |
| Дороиҳои дарозмуддат, ки барои фурӯш нигоҳ дошта мешаванд | 21 | 671 | 3,710 |
| Дороиҳои андозии мавқуфгузошташуда | 12 | 1,881 | 1,971 |
| Дороиҳои дигар | 22 | 11,881 | 8,605 |
| ҲАМАГӢ ДОРОИҲО | | 1,125,978 | 1,112,534 |
| **ӮҲДАДОРИҲО ВА САРМОЯ** | | | |
| ӮҲДАДОРИҲО | | | |
| Маблағҳои бонкҳо ва дигар ташкилотҳои молиявӣ | 23 | 3,329 | 3,797 |
| Воситаҳои мизоҷон | 24 | 832,552 | 860,376 |
| Маблағҳои қарзӣ | 25 | 36,918 | 51,545 |
| Ӯҳдадориҳо аз рӯи иҷора | 20 | 11,796 | 11,319 |
| Дигар ӯҳдадориҳо | 26 | 42,594 | 24,704 |
| | | 927,189 | 951,741 |
| КАПИТАЛ: | | | |
| Сармояи оинномавӣ | 27 | 93,340 | 93,340 |
| Захираҳои умумӣ | | 7,480 | 7,480 |
| Фоидаи тақсимнашуда | | 97,969 | 59,973 |
| | | 198,789 | 160,793 |
| ҲАМАГӢ ӮҲДАДАРИҲО ВА САРМОЯ | | 1,125,978 | 1,112,534 |

**Аз номи роҳбарияти Бонк:**

**Мирзосафар Сафаров**
**Раиси Бонк**

16 марти соли 2023
ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Зафар Заренов**
**Сармуҳосиб**

16 марти соли 2023
ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон

Тавзеҳоти дар саҳифаҳои 11-58 овардашуда қисми ҷудонопазири ҳисоботи молиявии мазкур мебошанд. Ҳисоботи аудиторони мустақил дар саҳифаҳои 3-5 оварда шудааст.

## ҶАМЪИЯТИ САҲҲОМИИ ПӮШИДАИ «АВВАЛИН БОНКИ МОЛИЯВИИ ХУРД»

### ҲИСОБОТ ОИДИ ТАҒЪИРЁБИИ САРМОЯ
### БАРОИ СОЛЕ, КИ 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2022 АНҶОМ ЁФТААСТ
*(бо ҳазор сомонӣ)*

| | Эзоҳ | Сармояи оинномавӣ | Захираҳои умумӣ | Фоидаи тақсимнашуда | Ҳамагӣ сармоя |
|---|---|---|---|---|---|
| Бақия ба 31 декабри соли 2020 | | 93,340 | 7,480 | 36,380 | 137,200 |
| Андоз аз ҳаққусаҳмҳо | 27.0 | - | - | (1,360) | (1,360) |
| Ҳамагӣ маҷмӯи даромад | | - | - | 24,953 | 24,953 |
| Бақия ба 31 декабри соли 2021 | | 93,340 | 7,480 | 59,973 | 160,793 |
| Андоз аз ҳаққусаҳмҳо | 27.0 | - | - | (2,501) | (2,501) |
| Ҳамагӣ маҷмӯи даромад | | - | - | 40,497 | 40,497 |
| Бақия ба 31 декабри соли 2022 | | 93,340 | 7,480 | 97,969 | 198,789 |

**Аз номи роҳбарияти Бонк:**

**Мирзосафар Сафаров**
**Раиси Бонк**

16 марти соли 2023
ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Зафар Заренов**
**Сармуҳосиб**

16 марти соли 2023
ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон

Тавзеҳоти дар саҳифаҳои 11-58 овардашуда қисми ҷудонопазири ҳисоботи молиявии мазкур мебошанд. Ҳисоботи аудиторони мустақил дар саҳифаҳои 3-5 оварда шудааст.

# ҶАМЪИЯТИ САҲҲОМИИ ПӮШИДАИ «АВВАЛИН БОНКИ МОЛИЯВИИ ХУРД»

## ҲИСОБОТ ОИДИ ҲАРАКАТИ ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ
## БАРОИ СОЛЕ, КИ 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2022 АНҶОМ ЁФТААСТ

*(бо ҳазор сомонӣ)*

| | Эзоҳ | Барои соле, ки 31 декабри соли 2022 анҷом ёфтааст | Барои соле, ки 31 декабри соли 2021 анҷом ёфтааст *(азнавдида)* |
|---|---|---|---|
| **ГАРДИШИ ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ АЗ ФАЪОЛИЯТИ АМАЛИЁТӢ:** | | | |
| Фоида то андозбандӣ | | 55,961 | 41,298 |
| Тасҳеҳот оиди: | | | |
| Ҳаракат дар захираҳо барои талафотҳои имконпазири қарзӣ оиди дороиҳои фоизӣ | 8 | 5,776 | 954 |
| Ҳаракат дар захираҳо барои талафотҳои имконпазири қарзӣ ва беқурбшавии дигар дороиҳо | 9 | 2,198 | 593 |
| Истеҳлоки воситаҳои асосӣ ва дороиҳои ғайримоддӣ | | 3,833 | 3,734 |
| Истеҳлоки дороиҳо дар шакли ҳуқуқи истифодабарӣ | 20 | 5,763 | 5,756 |
| Фарқияти қурбӣ оиди амалиётҳо бо асъори хориҷӣ | 7 | 4,094 | 200 |
| Даромади софи фоизӣ, холис | 5 | (107,544) | (96,369) |
| Хориҷшавии воситаҳои пулӣ аз фаъолияти амалиётӣ то тағйиротҳо дар дороиҳо ва ӯҳдадориҳои амалиётӣ | | (29,919) | (43,834) |
| Тағйироти дороиҳо ва ӯҳдадориҳои амалиётӣ | | | |
| (Афзоиши) / камшавии дар дороиҳои амалиётӣ: | | | |
| Воситаҳо дар бонкҳо | | (35,090) | (1,158) |
| Захираҳои ҳатмӣ дар Бонки миллии Тоҷикистон | | (1,049) | (30,544) |
| Дороиҳои молиявӣ, бо арзиши одилона тавассути фоида ва зарар | | - | 1,522 |
| Дороиҳои дарозмуддат, ки барои фурӯш нигоҳ дошта мешаванд | | 886 | 1,390 |
| Қарзҳои ба мизоҷон додашуда | | (36,719) | (111,695) |
| Дороиҳои дигар | | (3,161) | 5,608 |
| Афзоиши / (камшавии) дар ӯҳдадориҳои амалиётӣ: | | | |
| Воситаҳои мизоҷон | | 19,802 | 111,449 |
| Маблағҳои бонкҳо ва дигар ташкилотҳои молиявӣ | | (397) | 2,634 |
| Дигар ӯҳдадориҳо | | 20,370 | 7,935 |
| Хориҷшавии воситаҳои пулӣ аз фаъолияти амалиётӣ то андозбандӣ | | (65,277) | (56,693) |
| Фоиз ва комиссияи бадастовардашуда | | 124,974 | 113,874 |
| Фоиз ва комиссияи пардохтшуда | | (20,395) | (21,750) |
| Андоз аз фоидаи пардохтшуда | | (14,650) | (13,718) |
| Хориҷшавии софи воситаҳои пулӣ аз фаъолияти амалиётӣ: | | 24,652 | 21,713 |

## ҶАМЪИЯТИ САҲҲОМИИ ПӮШИДАИ «АВВАЛИН БОНКИ МОЛИЯВИИ ХУРД»

### ҲИСОБОТ ОИДИ ҲАРАКАТИ ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ (ДАВОМ)
### БАРОИ СОЛЕ, КИ 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2022 АНҶОМ ЁФТААСТ

*(бо ҳазор сомонӣ)*

| | Эзоҳ | Барои соле, ки 31 декабри соли 2022 анҷом ёфтааст | Барои соле, ки 31 декабри соли 2021 анҷом ёфтааст |
|---|---|---|---|
| **ГАРДИШИ ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ АЗ ФАЪОЛИЯТИ САРМОЯГУЗОРӢ** | | | |
| Хариди воситаҳои асосӣ | 18 | (2,974) | (1,323) |
| Воридот аз хориҷшавии воситаҳои асосӣ | 10 | 4 | 93 |
| Воридот аз хориҷшавии сармоягузорӣ | | (784) | 170,897 |
| Хариди дороиҳои ғайримоддӣ | 19 | (202) | (78) |
| Хориҷшавии софи воситаҳои пулӣ аз фаъолияти сармоягузорӣ: | | (3,956) | 169,589 |
| **ГАРДИШИ ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ АЗ ФАЪОЛИЯТИ МОЛИЯВӢ:** | | | |
| Андоз аз ҳаққусаҳмҳо пардохтшуда | 27 | (2,501) | (1,360) |
| Воридот / (пардохтҳо) аз рӯи маблағҳои қарзӣ, холис | | (13,201) | (14,060) |
| Пардохти ӯҳдадориҳо аз рӯи иҷора | 20 | (4,416) | (3,961) |
| Воридоти софи воситаҳои пулӣ аз фаъолияти молиявӣ: | | (20,118) | (19,381) |
| Таъсири тағйирёбии қурби асъори хориҷӣ ба воситаҳои пулӣ ва муодилҳои онҳо | | (21,213) | (4,843) |
| ВОРИДОТ/(ХОРИҶШАВИИ) СОФИ ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ ВА МУОДИЛҲОИ ОНҲО | | (20,635) | 167,078 |
| ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ ВА МУОДИЛҲОИ ОНҲО, дар аввали сол | 13 | 521,430 | 354,352 |
| ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ ВА МУОДИЛҲОИ ОНҲО, дар охири сол | 13 | 500,795 | 521,430 |

**Аз номи роҳбарияти Бонк:**

**Мирзосафар Сафаров**
**Раиси Бонк**

16 марти соли 2023
ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Зафар Заренов**
**Сармуҳосиб**

16 марти соли 2023
ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон

Тавзеҳоти дар саҳифаҳои 11-58 овардашуда қисми ҷудонопазири ҳисоботи молиявии мазкур мебошанд. Ҳисоботи аудиторони мустақил дар саҳифаҳои 3-5 оварда шудааст.